# 106591 - Ӯ барои ҳаҷ эҳром пӯшид, вале аз ворид шудан ба Макка манъ карда шуд

**савол**

Яке аз ҳамкоронам ба ҳаҷ рафт. Ӯ аз миқоти Мадина ба эҳром даромад ва ба сӯи Макка равон шуд, аммо дар он ҷо, дар нуқтаи посбонӣ ба ӯ фармон доданд, ки баргардад, чун иҷозатномаи ҳаҷ надошт. Пас ӯ баргашт ва либоси эҳромашро кашид. Ӯ эҳром пӯшида буд, аммо ба Макка даромада натавонист, оё барои ҳаҷҷи ӯ савобе вуҷуд дорад?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.
"Аввал: Агар аз эҳром берун шавад ва ҳаҷро ба итмом нарасонида баргардад, гуноҳе бар ӯ нест, зеро ӯ дар ин амри худ мағлубу маҷбур аст ва Аллоҳ ба ҳоли ӯ доност ва нисбат ба бандагонаш меҳрубон аст, бинобар ин, ба андозаи он амалҳои ҳаҷ, ки бо ихлос анҷом додааст, подош медиҳад.

Дуввум: Ҳар кас ҳангоми дохил шудан ба эҳром шарт гузошта бошад, ки агар монеъе ӯро (аз анҷоми ҳаҷ) боз дорад, хориҷ шудани ӯ аз эҳром ҳамон ҷоест, ки боз дошта шуд, пас дар ин ҳолат, ҳеҷ чизе бар ӯ воҷиб намегардад. Аммо агар (ҳангоми дохил шудан ба эҳром) чунин шарте нагузошта бошад, пас дар ин ҳолат, дар ҷое, ки боздошта шуд, ҳадйеро забҳ кунад, зеро Аллоҳ таъоло мефармояд:

فَإِنْ أُحْصِرْتُمْ فَمَا اسْتَيْسَرَ مِنَ الْهَدْيِ

سورة البقرة: ١٩٦

**«Ва агар (ба сабаби душман ё беморӣ ва ё дигар сабабҳо аз такмили маносики ҳаҷ) боз дошта шудед, пас он чи аз қурбонӣ муяссар (ва фароҳам) шавад, забҳ кунед (ва аз эҳром берун шавед)».** (Сураи Бақара: 196).
Сипас мӯи сарашро метарошад ё кӯтоҳ мекунад ва бадин тартиб аз эҳром берун мешавад.

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст ва дуруду паёми Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад ва олу асҳоби ӯ бод". Поёни сухан.
Кумитаи доимӣ оид ба таҳқиқоти илмӣ ва фатводиҳӣ.
Шайх Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз, Шайх Абдурраззоқ Афифӣ, Шайх Абдуллоҳ ибни Ғадаён, Шайх Абдуллоҳ ибни Қаъуд.

"Фатово-л-лаҷнати-д-доима" (11/350).

Аз Шайх Ибни Усаймин (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) пурсиданд: Марде бидуни иҷозатнома ба ҳаҷ меравад, вале аз ворид шудан ба Макка манъ карда мешавад, пас дар ин ҳолат, чӣ чиз бар ӯ лозим аст?
Чунин посух дод:
Агар ҳангоми дохил шудан ба эҳром гуфта бошад:

إِنْ حَبَسنِي حابسٌ فَمَحِلِّي حَيْثُ حَبَسْتَنِي .

**"Ин ҳабасанӣ ҳобисун, фамаҳиллӣ ҳайсу ҳабастанӣ".**
***(Агар монеъе маро боз дошт, хориҷ шуданам аз эҳром ҳамон ҷоест, ки маро боз доштаӣ).***
Пас дар ин ҳолат, аз эҳром берун мешавад ва ҳеҷ чизе бар ӯ воҷиб нест. Аммо агар (ҳангоми дохил шудан ба эҳром) шарт нагузошта бошад, пас бояд ҳадйеро забҳ кунад, зеро Аллоҳ таъоло мефармояд:

فَإِنْ أُحْصِرْتُمْ فَمَا اسْتَيْسَرَ مِنَ الْهَدْيِ

سورة البقرة: ١٩٦

**«Ва агар (ба сабаби душман ё беморӣ ва ё дигар сабабҳо аз такмили маносики ҳаҷ) боз дошта шудед, пас он чи аз қурбонӣ муяссар (ва фароҳам) шавад, забҳ кунед (ва аз эҳром берун шавед)».** (Сураи Бақара: 196).

Ва аз эҳром берун мешавад (яъне, мӯи сарашро метарошад ё кӯтоҳ мекунад) дар ҷое, ки боз

дошта шуд". Поёни сухан.

"Маҷмуъу фатово"-и Ибни Усаймин (23/433).